**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович тахти унвони «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ваXX (дар мисолиосори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 59 с.**

Бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ мавриди таҳлил қарор додани вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XXаҳамияти калони илмиву амалӣдошта, ба ин восита метавон унсурҳои забониро инъикос кард. Аз ин ҷиҳат, мавзуи интихобнамудаиунвонҷӯ Ашрапов Б. муҳиму мубрам ба шумор рафта, он барои кушода додани гириеҳҳои дар ин самти пажуҳиш мавҷуда ёрӣ мерасонад. Рисола, тавре ки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи рисола пас аз он ки дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани он, ҳадафу объекти таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошта ва монанди инҳоро зикр мекунад, маводи фактологии аз "Тӯҳфату-л-хонӣ"-и Муҳаммадвафои Карминагӣ гирдомадаро бо осори таърихии "Таърихи амирони манғитияи Бухоро, Исёни Муқаннаъ", "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро" ва дар ҳолатҳои зарурӣ аз романи таърихии инқилобии "Ғуломон"-и Садриддин Айнӣ таҳлили қиёс менамояд.

Боби якуми рисола «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии исм дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» ном дошта, унвонҷӯ бо маводи фактологии мавриди қиёс қарор додаи худ ба унсурҳои ҷамъсозӣ ва калимасозии исмҳо аҳаммияти бештар зоҳир намуда, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Боби дуюми рисола, ки «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии сифат дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» номгузорӣ шудааст ва муаллифи рисола ба корбурди дараҷаҳои қиёсӣ ва олии сифат, унсурҳои калимасозии сифат бо пешвандҳову пасвандҳо дар забони осори даврони қиёсшаванда қарордоштаро, баррасиву таҳлил намудааст. Ҳангоми таҳлил муаллифи рисола зикр мекунад, ки дараҷаи корбурди пешвандгунаҳо дар забони осори қиёсшаванда ягона нестанд, масалан пешвандгунаи **пур-** дар асари Карминагӣ 122 маротиба (86%) ва дар асари Айнӣ 19 маротиба (13%)-ро ташкил медиҳад.

Боби сеюми рисола «Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии шумора ва ҷонишин дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX» унвон дошта, дар бахшҳо ва зербахшҳои боб муаллиф андешаҳояшро дар бораи навъҳои шумора ва ҷонишинҳо мавриди таҳлил қарор дода, перомунивежагиҳои боризи ҳиссаҳои номии нутқи номбурда дар ифодаи маъно ва иҷрои вазифа ба риштаи таҳқиқ кашида, ҷиҳатҳои фарққунандаи онро нишон додааст.

Як нуктаи ҷолиби диққат ҳини мутолиаи фишура ба чашм расид, ки муҳаққиқ хулосаи бобҳои худро бо усули оморӣ ҷамъбаст намудааст. Ин ба он далолат, ки муаллифи рисола пеш аз ба таҳлилу муқоиса даст задан, мисоли зиёдро ҷамъ намудааст.

Натиҷагириҳои муаллиф дар хулосаи рисола дар 18 банди алоҳида зикр мегардад. Дар заминаи таҳқиқи мазкур муаллиф 20 мақола, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Россияву Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки онҳо далели арзиши муҳими илмӣ ва амалӣ доштани пажуҳиш мавриди назаранд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида дар рисола баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар саҳифаи 15-уми фишурда муаллиф роҷеъ ба пасванди -ак сухан гуфта, аммо дар бораи пасванди -ча маълумоте надодааст.

2. Дар автореферати диссертатсия чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоњида мерасанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши рисоларо кам намегардонад. Фишурдаи диссертатсияи номзадии Ашрапов Баҳодурҷон Пӯлотович мутобиқ ба меъёрҳои илмӣ навишта шуда, ҷавобгӯи талаботи рисолаҳои номзадӣ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) мебошад.

**Дотсенти кафедраи филологияи**
**тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷӣ,**
**доктори фанҳои филологӣ (DSc):** **С.Х.Хӯҷақулов**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 731430, Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**вилояти Самарқанд, н.Самарқанд**
**маҳаллаи Янги ҳаёт,**
**хонаи 99 Тел:+(998) 91-536-74-88**
**E-mail: sirojiddin_xo`jaqulov1976@jmail.com**
**"Имзои С.Х.Хӯҷақуловро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Самарқанд**
**ба номи Шароф Рашидов**
**С.Х. Абдуллаева**
**"_______"____________________2022**